«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________ Шарифзода М.М.
«26» 11 2019 с.

**ТАҚРИЗИ**

**Муассисаи тақриздиҳанда – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» ба рисолаи номзадии Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна "Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (солҳои 1991-2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

1. **Мубрамияти мавзӯъ тадқиқот ва робитаи он бо барномаҳои умумиилмӣ ва умумидавлатӣ ( дархостҳо барои амалия ва рушди илму техника)**

Таҳқиқоти диссертатсионии П. Абдурамонова дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон - ҳамчун муассисаи тақриздиҳанда аз 26 ноябри соли 2019 (Протокол № 4) мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Ҳангоми муҳокимаи муассисаи тақриздиҳанда, ки бо иштироки докторҳои илмҳои таърих, профессорон Ф.М. Ҳомидзода, Н.Т. Раҳимов, номзадҳои илмҳои таърих, дотсентон Дж. Исомитдинов, Ҳ.С. Тоатов, Д.К. Дӯстов, Б.Х.Олимов, М.М. Ҳамидова ва дигарон баргузор гардид, қайд шуд, ки мавзӯи рисолаи мазкур мубрам буда, аҳамияти назариявӣ ва амалии илмӣ дорад.

Қобили тазаккур аст, ки унвонҷӯ дар рисолаи номбурда мавзӯи тадқиқотро асоснок карда тавонистааст. Аҳамияти илмии масъала ба он вобаста аст, ки дар солҳои истиқлолият яке аз самтҳои афзалиятноки

сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши таърихи халқи тоҷик аст, ки дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан саҳм мегузорад. Аз ин нуқтаи назар, интихоби мавзӯи “Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (солҳои 1991-2016)» аз ҷониби Абдурамонова П. Д. Саривақтӣ буда, аҳамияти бузурги илмию амалӣ дорад. Рисола дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи перспективии кори илмӣ-таҳқиқотии шӯъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир)» барои солҳои 2016-2020 ба иҷро расидааст.

2. **Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар доираи талабот (муққарароти муайяншуда) барои рисолаҳо (бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 «Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва дараҷаҳои илмӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рисолаи диссертатсионии Абдурамонова П.Д. кори илмии мустақилона буда, натиҷаҳои нави илмӣ ва эътимодбахшро дар бар мегирад ва дар асоси муқаррароти (талаботҳои) муайяншуда ба ҳимоя бароварда мешавад. Хулосаҳои диссертант дар рисолаи илмӣ пешниҳод шуда, ба таври қатъӣ асоснок карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки сохтори диссертатсия ба ҳамаи талаботҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, ки аз муқаддима, ду боб, ҳашт параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар рисола муаллиф таснифи илмии адабиёти истифодашударо хеле ба маврид нишон додааст, ки далели ба пуррагӣ омӯхта шудани ин мавзӯъро собит месозад. Мавриди тазаккур аст, ки диссертант ҳангоми таҳқиқот дар рисолаи мазкур миқдори зиёди адабиёти таҳқиқотиро бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ истифода кардааст.

Манбаъҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ гуногун буда, дар ҷараёни кор муаллиф ахбороти нодири бойгониҳои ҷории муассисаву ташкилотҳои ВМКБ мавриди истифода қарор додааст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки мавзӯи таҳқиқшуда дар таърихнигории ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, таҳлили амиқи хусусиятҳои хоси масъалаи таҳқиқшаванда анҷом дода нашудааст.

**3. Дараҷаи эътимоднокӣ ва саҳеҳии ҳар як натиҷаи илмӣ (мавқеи илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд.**

Муқаррароти ҳимояшаванда назаррас, ба қадри кофӣ эътимоднок ва оқилона мебошанд. Ҳамин тариқ, муаллифи диссертатсия таҳлили ҳаёти фарҳангии Бадахшонро бо хусусиятҳои хосаш дар давраи зикршуда нишон медиҳад.

**4. Дараҷаи навовариҳои ҳар як натиҷаи илмӣ (мавқеи илмӣ), хулосаҳои довталаб, ки дар рисолаҳо ифода ёфтаанд.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки кори диссертатсионии Абдурамонова П.Д. дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик бахшида шудаанд, кумаки воқеӣ расонанд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои офаридани тадқиқоти нав дар омӯзиши таърихи ватанӣ, курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанни “таърихи халқи тоҷик”, “таърихи фарҳанг” ва курсҳои “фарҳангшиносӣ” дар макотиби олии равияи санъат истифода шаванд.

Умуман, рисолаи диссертатсионии Абдурамонова П. Д. сазовори таҳсин ва ситоиш буда, масъалаҳои дар он ҷойдошта барои рушди

илми муосири таърихӣ хеле муҳим мебошанд ва таваҷҷӯҳи мутахассисонро ба худ ҷалб мекунанд.

**5. Дараҷаи навовариҳои ҳар як натиҷаи илмӣ (мавқеи илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Навгонии илмии рисолаи Абдурамонова П.Д. дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар шакли рисолаи илмӣ дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқоти дисертатсионие пешниҳод мегардад, ки ба омӯзиши ҳаёти фарҳангӣ, илм, маориф, соҳаҳои варзиш, сайёҳӣ, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумии ВМКБ дар замони истиқлолият бахшида шудааст, ба илм бори нахуст як қатор мадорики бойгонӣ, манобеъи таърихӣ ва маълумоти рӯзномавӣ-маҷаллавӣ ворид карда мешавад. Муаллиф хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ, фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумиву инкишофи соҳаи варзишро дар ВМКБ нишон дода, вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди соҳаи сайёҳиро дар вилоят дар асоси мадорики бойгонӣ таҳлил намудааст. Тадқиқи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ ва саҳми муассисаҳои тадқиқотии ВМКБ дар инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

**6. Тасдиқи нашри муқарроти асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.**

Хулосаҳои умуминазариявии таҳқиқоти дисертатсионӣ ҳангоми банақшагирии барномаҳои минбаъдаи рушди фарҳанги мамлакат метавонанд истифода шаванд.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти фарҳангии мамлакат, махсусан фаъолияти муассисаҳои дахлдор имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои

диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

Инчунин натиҷаҳои ин таҳқиқот дар мақолаҳои муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати нашрияҳои тавсияшуда аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо тавсия шудаанд. Ҳамаи нашрияҳо муқаррароти асосии дар матни диссертатсия овардашударо пурра инъикос мекунанд.

**7. Мувофиқати автореферат ба мундариҷаи диссертатсия.**

Муқаррарот ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар автореферат оварда шудаанд, ки он аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, заминаи манбаъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, заминаи методологии тадқиқот, заминаи назариявии тадқиқот, объект ва мавзӯи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, муқаррароти асосии диссертатсияро инъикос мекунад, аҳамияти амалии омӯзиш, санҷиши натиҷаҳои тадқиқот, мундариҷаи асосии асар, рӯйхати нашрияҳои илмии муаллифро дар бар мегиранд.

**8. Норасоӣ дар мундариҷа ва тарҳи рисолаи номзадӣ**

Аммо, новобаста ба баҳои мусбии рисолаи диссертатсионӣ ва саҳми муаллиф дар омӯзиши таърихи **"Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (солҳои 1991-2016)"** мехостем баъзе камбудиҳоро қайд кунем. Ислоҳ кардани онҳо, ба назари мо мундариҷаи таҳқиқотро бо назардошти дурнамои интишори имконпазири он такмил хоҳад дод.

1) Манбаи диссертатсия ба таври пайдарпай набуда, дар матни рисола баррасӣ ва таҳлили танқидии сарчашмаҳо мавҷуд нест. Муаллиф бояд сарчашмаҳои истифодашударо шарҳ медод.

2) Дар рисола таҳлили пурраи фаъолияти бойгониҳои вилоят ба иҷро расонида нашудааст.

3) Дар асар инчунин баъзе хатогиҳои имлоӣ дучор меоянд.

9. **Мутобиқи рисолаи номзадӣ ба « Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

Диссертатсия мувофиқи чорчӯбаи талаботҳо (мақарраротҳо) мавҷуда омода карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, рисолаи Абдурамонова П.Д. **“Ҳаёти фарҳангии вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон (солҳои 1991-2016)”**, ки барои гирифтани унвони номзади илмҳои таърихӣ пешниҳод шудааст, тадқиқоти мустақили илмӣ мебошад, ки як масъалаи муҳим ва мубрамро ҳал мекунад.

Таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи ҳатмии номзади илмҳои таърихӣ мебошад.

Тақризи мазкурро мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Фуркат Муқим омода кардааст.

Бо назардошти омӯзиши рисолаи диссертатсионӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Абдурамонова П.Д. дар мавзӯи **“Ҳаёти фарҳангии вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон (солҳои 1991-2016)»**, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ маҳсуб меёбад. Дар рафти ҳалли вазифаҳои дар назди муаллиф гузошташуда як қатор нақтаҳои назариявие таҳия карда шудааст, ки онҳоро дар маҷмӯъ ҳамчун дастоварди илмии диссертант қаламдод кардан мумкин аст ва ин ба талаботи бандҳои 10-16 «Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

Фикру мулоҳизаҳо дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 26 ноябри соли 2019, протоколи № 4 муҳокима ва тасдиқ карда шуд.

***Раисикунанда, номзади илмҳои таърих,***
***дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики***
***Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати***
***Тоҷикистон номзади илмҳои таърих*** **Дустов Д.К.**

***Эксперт: мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики***
***Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон***
***доктори илмҳои таърих, профессор*** ***Ҳомидзода Ф.М.***

***Котиби ҷаласа*** ***Мансурова М.***

***Имзои мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик,***
***доктори илмҳои таърих, профессор***
***Ҳомидзода Фуркат Муқим, номзади илмҳои таърих***
***Д.К. Дустов ва Мансурова М.***
***котиби ҷаласаро тасдиқ менамоям***
***Сардори раёсати кадрҳо***
***ва корҳои махсус ДДҲБСТ:*** **Саидов П.А.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

*Суроға: 735700, Хуҷанд. 17 мкр-н, д.1.*
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Тел.: +992342223811*
*Факс: +992342225170*
*E-mail: tsulp@rambler.ru*